**23.00.04.-5.5.4 Международные отношения**
**23.00.04-5.5. Муносибатҳои байналхалқӣ,**

***УДК 327***
***DOI10.24412/2411-1945-2022-3- 162-170***

## *БАЪЗЕ АВЛАВИЯТҲОИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА*

***Солихоҷаева Саидахон Анвархоҷаевна,*** *номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *НЕКОТОРЫЕ ПРИОРИТЕТЫ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ*

***Солиходжаева Саидахон Анварходжаевна,*** *канд. истор. наук, доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

## *SOME PRIORITIES OF FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN UNDER CONTEMPORARY CONDITIONS*

***Solikhojaeva Saidakhon Anvarkhojaevna,*** *candidate of historical sciences, Associate Professor of Political Science Chair under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)* **E-MAIL.** ***saidakhon_89@mail.ru***

***Калидвожаҳо:*** *авлавият, сиёсати хориҷӣ, рушди геополитикӣ, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, субъектҳои сатҳи байналхалқӣ, манфиатҳои миллӣ, ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ*

*Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити имрӯза мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Зикр шудааст, ки авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон як чизи исто ва статикӣ набуда, вобаста ба замон ва шароитҳои рушди кишвар ва муносибатҳои байналмилалӣ метавонанд тағйир ёбанд. Авлавиятбахшӣ дар сиёсати хориҷӣ зери таъсири омилҳои иқтисодӣ, ҳолати рушди дохилии кишвар, хусусиятҳои рушди муносибатҳои байналмилалӣ, амалисозии лоиҳаҳои мухталифи давлатӣ, омилҳои тамаддунӣ, худмуҳофизатӣ аз хатарҳои берунӣ ва мақоми давлат дар сатҳи байналхалқӣ ва ғ. сурат мегирад. Авлавиятҳои доимӣ ва заминавию ҳолатӣ дар сиёсати хориҷӣ тавсир шудааст. Масоили таъмини амнияти кишвар ва ҳизфи суботи он дар арсаи байналмилалӣ, мустаҳкам намудани ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ, ба кишвари содиротӣ табдил додани Тоҷикистон, рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар субъектҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ, ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ба роҳ мондани муносибатҳои сулҳдӯстона бо кишварҳои ҳамсоя, тарғиби симои мусбати кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, пешгирии нобудшавии пиряххои кишвар ва омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар ҳамчун авлавиятҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ баррасӣ шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *приоритеты, внешняя политика, геополитическое развитие, двусторонние и многосторонние отношения, субъекты международного уровня, национальные интересы, внешнеполитические институты*

*Анализируются внешнеполитические приоритеты Таджикистана в современных*

*условиях. Отмечено, что приоритеты внешней политики Таджикистана не имеют статичного характера и могут меняться в зависимости от времени и условий развития страны и международных отношений. Приоритизация во внешней политике определяется экономическими факторами, состоянием внутреннего развития, особенностями международных отношений, реализацией различных государственных проектов, фактором цивилизации, обороны от внешних угроз, состоянием государства на международном уровне и др. Выделяются постоянные и контекстно-ситуативные приоритеты во внешней политике. Как важные внешнеполитические приоритеты рассматриваются: обеспечение безопасности и поддержание ее стабильности на международной арене, укрепление внешнеполитических институтов, превращение Таджикистана в экспортную страну, развитие экономических отношений с другими международными субъектами и привлечение иностранных инвестиций, превращение республики в транзитную зону, мирные отношения с соседними странами, продвижение её положительного имиджа на международном уровне, предотвращение исчезновения ледников и изучение опыта других стран.*

***Key words:*** *priorities, foreign policy, geopolitical development, bilateral and multilateral relations, international level actors, national interests, foreign policy instituties*

*The foreign policy priorities of Tajikistan under modern conditions are analyzed. It is noted that the priorities of Tajikistan's foreign policy are not static and may change depending on the time and conditions of the country's development and international relations. Prioritization in foreign policy is determined by economic factors, state of internal development, peculiarities of the development of international relations, implementation of various state projects, civilizational factor, self-defense from external threats, condition of the state in international level and etc. The author identifies permanent and contextual-situational priorities in foreign policy. Ensuring security of the country and maintaining its stability on the international arena, strengthening foreign policy institutions, turning Tajikistan into an export country, developing economic relations with other international actors and attracting foreign investments, turning Tajikistan into a transit country, peaceful relations with neighboring countries, promoting a positive image of the country on international level, preventing disappearance of the country's glaciers and domesticating the experience of other countries are seen as important foreign policy priorities.*

Дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии он метавонад нақши муассир дошта бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш бар он намуда истодааст, ки вобаста ба имкониятҳо ва зарфиятҳои худ сиёсати хориҷиро ба роҳ монад ва муносибатҳои ҳаматарафа судмандро бо субъектҳои байналмилалӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза яке аз ҷиҳатҳои муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистонро муқаррар намудани авлавиятҳо дар ин самт ташкил медиҳад. Дар мавриди авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар, паёмҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дигар ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатӣ, ҳамчунин асарҳои муҳаққиқони ватанӣ андешаҳои мухталиф ва ҷолиб баён шудаанд.

Аз он ҷумла дар Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои мухталиф, густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсоя, ҳалли буҳрони Афғонистон, тақвият додани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои мутараққии ҷаҳон, ҳамкории мутақобилан судманд бо созмонҳои мухталифи байналмилалӣ, рушди дипломатияи иқтисодӣ ва дигар ҷиҳатҳои манфиатбахш дар муносибат бо субъектҳои байналмилалӣ ҳамчун авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар муқаррар намуда шудаанд.

Муҳаққиқони мухталифи ватанӣ низ перомуни авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон андешаҳои ҷолиберо баён намудаанд. Барои мисол муҳаққиқи масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ З. Сайидзода дар мавриди авлавиятҳои сиёсати хориҷии

Тоҷикистон зикр намудааст, ки “манфиатҳои миллии Тоҷикистон бештар ба татбиқи афзалиятҳои иқтисодии он марбутанд”. [1] Воқеан ҳам дар шароити имрӯзаи рушд яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар ташкил медиҳад. Аз он ҷумла Тоҷикистон дар барқарор намудани муносибатҳо бо дигар кишварҳо ба муносибатҳои иқтисодӣ ва ҷалби сармоя таваҷҷуҳи махсус равона намудааст.

Муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ба Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки мақсадҳои муҳим ва аввалиндараҷаи муносибат бо субъектҳои мухталифи байналмилалӣ ва механизмҳои муассири пайвастан ба ҷомеаи ҷаҳониро таҳия намояд. Чуноне ки мушоҳида мегардад, сиёсати хориҷии кишвари мо ғолибан ба прагматизми солим, созандагӣ, дарёфти роҳҳои ҳамкории мутақобилан судманд, ҷустуҷӯи ҳалли мушкилоти сатҳи минтақавию байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар асос ёфтааст.

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон авлавиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд. Хусусиятҳои геосиёсиву геоиқтисодии таҳаввулоти ҷаҳони имрӯза тақозо мекунанд, ки афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар пайваста мавриди бозбинӣ қарор дода шаванд. Онҳо бо дарназардошти сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои алоҳида ё гурӯҳи давлатҳо, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин бино ба ниёзҳои манфиатҳои милливу давлатӣ метавонанд тағйир пазиранд.[2]

Албатта авлавиятбахшӣ дар сиёсати хориҷӣ зери таъсири омилҳои мухталифи шакл мегирад. Ба андешаи мо, дар ин раванд омилҳои иқтисодӣ, ҳолати рушди дохилии кишвар, хусусиятҳои рушди муносибатҳои байналмилалӣ, амалисозии лоиҳаҳои мухталифи давлатӣ, омилҳои тамаддунӣ, худмуҳофизатӣ аз хатарҳои берунӣ ва мақоми давлат дар сатҳи байналхалқӣ таъсир мегузоранд.

Дар мавриди авлавиятбахшии сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеъгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле ҷолиб мебошад. Аз он ҷумла, дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат чунин зикр намуда буд: “Мавқеи геополитикии Тоҷикистон, имкониятҳои табииву демографии он, инчунин сатҳи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, воқеъбинона ва мутадилро тақозо мекунанд. Дар баробари ин, таъкид бояд сохт, ки муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба тавозуни байни ҳадафҳо ва имкониятҳои татбиқи онҳо вобаста мебошад. Давлати мо, чун кулли кишварҳо, дар муайян кардани афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ аз рӯи ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллии худ амал мекард ва хоҳад кард. Возеҳ аст, ки ин афзалиятҳо наметавонанд доимӣ ва тағйирнопазир бошанд, зеро онҳо ба сатҳ ва муҳтавои муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо ин ё он давлат ё гурӯҳи давлатҳо мувофиқ мебошанд.”[3] Ин гуфтаҳои сарвари давлат бори дигар аз он далолат мекунанд, ки авлавиятбахшии сиёсати хориҷии Тоҷикистон як раванди бардавом ва тағйирпазир мебошад, ки вобаста ба ҳолати рушди кишвар ва муносибатҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, мо кӯшиш менамоем, ки баъзе аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро вобаста ба шароити имрӯзаи рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва манфиатҳои миллии кишварамон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор бидиҳем.

Шартан мо метавонем, ки авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ба ду гурӯҳ ҷудо созем. Аввалан он авлавиятҳое, ки дар ҳама давру замон мустаҳкам ва муҳим боқӣ мемонанд. Дувум гурӯҳи авлавиятҳо метавонанд вобаста ба заминаи мавҷуда ё ҳолати рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва кишвари мо зуҳур намоянд. Ба андешаи мо ҳифзи ҳамешагии манфиатҳои миллӣ, таҳкими тадриҷии истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи суботу оромии кишвар, таҳкими муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар субъектҳои сатҳи байналмилалӣ, тақвияти фаъолияти ниҳодҳои амаликунандаи сиёсати хориҷӣ, мусоидат ба амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, таҳкими иқтидори муҳофизатии кишвар, рушди ҳамкориҳои

мутақобилан судманд бо субъектҳои дигари сатҳи байналмилалӣ, рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи хориҷӣ метавонанд аз ҷумлаи авлавиятҳои гурӯҳи аввал бошанд. Авлавиятҳои гурӯҳи дувум вобаста ба ҳолатҳои замонӣ ва заминавӣ метавонанд гуногун бошанд. Аз ин рӯ, дар ҳар давраи муайян амалисозандагони сиёсати хориҷии кишвари моро зарур аст, ки дар мавриди авлавиятҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат биандешанд. Амалисозии ягон лоиҳаи муҳимми сатҳи байналхалқӣ, минтақавӣ ва дуҷониба, беҳтар намудани равобит бо ягон субъекти берунӣ, ҳалли ягон мушкили мушаххас дар муносибат бо дигар кишварҳо ва ё субъектҳои дигари сатҳи байналхалқӣ, амалӣ намудани ягон нақшаи мушаххас ва ғайра метавонанд аз ҷумлаи авлавиятҳои кӯтоҳмуддат ва ё миёнамуҳлат бошанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки авлавиятҳои заминавӣ ва замонӣ дар сиёсати хориҷӣ барои дар амал татбиқ намудани авлавиятҳои доимӣ муҳим мебошанд.

Муҳаққиқи тоҷик Акбаров Ф. афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар заминаи тағйиротҳои геополитикӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст.[4] Ӯ дар баррасии худ манфиатҳои геополитикии якчанд кишварҳоро, аз қабили Россия, Чин, ИМА, Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва Туркия ба риштаи таҳлил кашида, чунин зикр намудааст, ки ҳар яке аз ин кишварҳо дар минтақа дорои манфиати геополитикии хеш ҳастанд. Лозим ба ёдоварист, ки Тоҷикистон дар як минтақаи ҳассоси геополитикӣ қарор дорад, ки аз як тараф дар минтақа бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва, аз тарафи дигар, ҳамчунин рӯёрӯии манфиатҳои кишварҳои бузурги минтақавӣ ба назар мерасад. Хусусан, таҳаввулоти солҳои охир дар Афғонистон ва ба сари қудрат расидани Толибон, ҳамчунин буҳрони имрӯзаи Украина дурнамои рушди геополитикии минтақаро то як андоза пешбининашаванда намудааст. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки ҳангоми муайяннамоии афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар ба ҳолати рушди геополитикии минтақа таваҷҷуҳ карда шавад ва мақсади асосии онро ҳифзи суботу амнияти кишвар ташкил диҳад.

Дар шароити мураккабгардии муносибатҳои байналмилалӣ ва зуҳури танишҳои нав дар муносибати миёни субъектҳои байналмилалӣ яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷиро таъмини амнияти кишвар ва ҳизфи суботи он дар арсаи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Чунин ба назар мерасад, ки ҷаҳони имрӯза ба марҳилаи нави турбулентнокӣ ва номуайянии муносибатҳо ворид шудааст. Дар чунин ҳолат вазифаи муҳимми давлатро ҳифзи бақои худ ва пешгирӣ аз ҳар гуна танишҳо ташкил медиҳад. Дар ин маврид давлатро зарур аст ба суботи дохилии хеш низ таваҷҷуҳи зарурӣ дода бошад, зеро ҳар гуна зиддияту ихтилофҳои дохилӣ ва низоъҳо метавонанд заминаи дахолати хориҷиро фароҳам созанд, ки дар шароити қувват гирифтани зиддиятҳои миёни субъектҳои қудратманди байналмилалӣ метавонад як кишварро ба майдони набарди нерӯҳои ба ҳам зидди сатҳи байналхалқӣ табдил диҳад.

Яке аз авлавиятҳои доимии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро мустаҳкам намудани ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ ташкил медиҳад. Муҳим мешуморем, ки ниҳодҳои сиёсати хориҷии мо пайваста ва тадриҷан мустаҳкам намуда шаванд, зеро чигунагии рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо дигар давлатҳо аз фаъолияти онҳо вобаста аст. Хусусан ниҳодҳои сиёсати хориҷии кишварро зарур аст, ки зарфиятҳои мавҷудаи ҳамкориҳоро бо дигар кишварҳо омӯхта, дар заминаи онҳо муносибатҳоро тақвият бахшанд. Тақвияти ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо дигар кишварҳо, фароҳам намудани заминаи фаъолият ва ҳамкорӣ барои бахшҳои хусусии миёни кишварҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар давлатҳо, дарёфти имкониятҳои нави ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ масъулияти бевоситаи ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ, аз он ҷумла сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷ мебошад. Аз ин рӯ, таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ниҳодҳои мустаҳкам, фаъол ва функсионалии сиёсати хориҷиро талаб мекунанд. Аз ин рӯ, мо таҳкими ниҳодҳои сиёсати хориҷиро ҳамчун афзалияти доимӣ баҳогузорӣ намудем.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Паёмҳои Пешвои миллат ба масъалаи авлавиятбахшии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҳар давраи муайяни рушди Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда мешавад. Аз ин рӯ, чанде аз авлавиятҳои имрӯзаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки аз ҷониби сарвари давлат ба онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст. Албатта ҳар як Паёми Пешвои миллат фарогири авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар мебошанд. Дар Паёмҳои сарвари давлат ба кишвари содиротӣ табдил додани Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи муҳими сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ шинохта шудааст. Аз он ҷумла дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 26 декабри соли 2019 ироа гардидааст, ба масъалаи ба кишвари содиротӣ табдил додани Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.[5] Дар Паёмҳои солҳои баъдӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст. Дар шароити имрӯза мақоми давлатҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ аз тавозуни воридот ва содироти онҳо вобастагӣ дорад. Дар оянда тасмим гирифта шудааст, ки ба рушди иқтисоди содиротӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардад.

Дар шароити имрӯза яке аз авлавиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистонро рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо дигар субъектҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ташкил медиҳад. Ташкили форумҳои иқтисодӣ бо иштироки соҳибкорони Тоҷикистон ва дигар кишварҳо, ташкили комиссияҳои ҳамкории иқтисодӣ ва муаррифии лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон дар берун аз кишвар аз авлавиятҳои иқтисодии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дарак медиҳад. Барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар лоиҳаҳои сармоягузории хеш Ҳукумати Тоҷикистон кӯшиш бар он дорад то ҷолибияти кишварро боло барад. Дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олӣ санаи 22 декабри соли 2017 якчанд нуктаҳои муҳим дар мавриди боло бурдани ҷолибияти кишвар ироа карда шуд.[6] Хусусан дар ин паём таваҷҷуҳи махсусе ба ҷолибияти сармоягузорӣ карда шуд, ки имрӯз Ҳукумати кишвар ҳарчи бештар кӯшиш бар он намуда истодааст то фазои мусоиди сармоягузориро фароҳам намояд. Андешидани чораҳои зарурӣ барои бунёди инфрасохтори зарурӣ, бароҳмонии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ, пешниҳоди имтиёзҳои назаррас ба сармоягузорон, озод намудани бархе соҳаҳои фаъолият аз андоз аз арзиши илова ва пардохтҳои гумрукӣ, кӯшиши таъмини истеҳсолот бо манбаъҳои доимии энергия ва ғ. аз қабили чораҳое мебошанд, ки метавонанд ҷолибияти кишварро барои субъектҳои сармоягузори хориҷӣ боло баранд. Дар шароити имрӯза сармоягузории хориҷӣ қисми муҳимми фаъолгардии иқтисодиёти кишвари моро ташкил медиҳад. Барои мисол танҳо барои рушди соҳаи саноати кишвар беш аз 35 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст. Ё худ дар бист соли охир ба иқтисоди кишвар беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 59 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.[7] Новобаста аз ин дар шароити имрӯза шумораи зиёди лоиҳаҳои сармоягузории Тоҷикистон ниёз ба сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ доранд. Албатта зарур мешуморем, ки дар мадди аввал таваҷҷуҳ ба сармоягузории дохилӣ карда шавад. Аммо, тавассути сармоягузории дохилӣ амалӣ намудани ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории кишвар ғайриимкон мебошад, ки шумораи онҳо ба зиёда аз 400 мерасад.

Афзалияти дигари сиёсати хориҷиро дар шароити имрӯза ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ташкил медиҳад. Кишвари мо барои расидан ба ин ҳадаф лоиҳаҳои зиёди сармоягузориро амалӣ сохтааст ва дар оянда низ кӯшиш бар он дорад дар ин самт корбариро идома диҳад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон тавонист, ки тадриҷан аз як кишвари ҳошиявӣ берун шавад ва шароитҳои заруриро то ҳадди имкон барои ба кишвари транзитӣ табдил ёфтан фароҳам кунад. Таъмири роҳҳо ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мувофиқ намудани онҳо, кандани нақбҳо ва бунёди пулҳоро мисол овардан мумкин аст, ки на танҳо пайванди минтақаҳои кишварро фароҳам кардaнд, балки ҳамчунин пайванди осонро ба ҷониби кишварҳои ҳамсоя таъмин намуданд. Аммо, новобаста ба ин кишвари моро зарур аст, ки дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расонида бошад. Хусусан дар шароити имрӯза зарур мешуморем, ки Тоҷикистон имкониятҳои транзитии хешро барои

лоиҳаи “Як камарбанд ва як роҳ”-и (Камарбанди иқтисодии Шоҳроҳи Абрешим) Ҷумҳурии мардумии Чин пешниҳод ва муаррифӣ намояд, то ягон шохаи муҳимми инфрасохтории ин лоиҳа аз ҳудуди кишвари мо убур намояд. Ба андешаи мо пайванди Тоҷикистон ба ин лоиҳа имкон медиҳад, то кишвари мо аз имкониятҳои он барои пайванд бо дигар кишварҳо истифода намояд. Пайванди Тоҷикистон ба масирҳои инфрасохтории ин лоиҳа имкон медиҳад, ки кишвари мо ҳамчун ҳудуди транзитӣ истифода гардад.

Тоҷикистон аз ҷиҳати ҷуғрофӣ кишваре аст, ки ба баҳр ва роҳҳои баҳрӣ пайванде надорад. Кишвари мо аз ҳама ҷониб бо кишварҳои дигар ҳамсарҳадӣ дорад, ки аз сарбастагии ҷуғрофии он дарак медиҳад. Бинобар ин дар сиёсати хориҷии хеш Тоҷикистон дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои сулҳдӯстонаву ҳасанаро бо кишварҳои ҳамсоя яке аз авлавиятҳои муҳим медонад. Албатта, муносибатҳои манфиатбахши тарафайн бо кишварҳои ҳамсоя яке аз авлавиятҳои доимии сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ мемонад. То як андоза амалӣ намудани дигар авлавятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз муносибатҳои созандаи Тоҷикистон бо ҳамсоякишварҳо бармеояд. Дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар санаи 16 декабри соли 2016 Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намудааст, ки мусоидат ба эҷоди фазои эътимоду амният атрофи кишвар аз роҳи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор бо истифода аз василаҳои сиёсиву дипломатӣ, саъю талоши пайваста ҷиҳати ҳалли саривақтии масоили мубрами минтақа дар сархати сиёсати хориҷии давлати мо қарор хоҳад дошт.[8]

Лозим ба ёдоварист, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя бояд дар асоси ба назар гирифтани манфиати миллии ҷонибҳо ба роҳ монда шавад. Аз ин рӯ, яке аз авлавиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар шароити имрӯза барқарор намудани муносибатҳои созандаи сиёсӣ бо ҳамсоякишварҳо ташкил медиҳад. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон даврахо ва ҳолатҳое низ ҷой доштанд, ки муносибатҳои мо бо ҳамсоякишварҳо хосияти низоъангез пайдо намуданд. Барои мисол то соли 2015 муносибатҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон сари масъалаи бунёди Нерӯгоҳи барқи обии Роғун дорои мушкилӣ буд ва хушбахтона бо роҳи дипломатӣ ва ҷалби ҷониби сеюм дар симои Бонки ҷаҳонӣ санҷиши ин лоиҳаи Тоҷикистон мусбат арзёбӣ шуда, равобити дӯстона ва ҳамаҷонибаи мо бо ҷониби Ӯзбекистон барқарор шуд. Аммо, дар мавриди демаркатсияи сарҳадот бо ҳамсоякишварҳо, хусусан бо Ҷумҳурии Қирғизистон то имрӯз мо ба мушкилиҳо мувоҷеҳ ҳастем. Дипломатияи моро зарур аст, ки бо баҳисобгирии манфиатҳои миллии кишвар ва барқарории равобити хуби ҳамсоягӣ ба ҳалли ин қазия кӯшиш намояд. Аз ин рӯ, дар давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат ҳалли сулҳомези мушкилоти марзӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистонро ҳамчун авлавияти муҳимми сиёсати хориҷии Тоҷикистон мешуморем. Зарур мешуморем, ки дипломатияи мо бо истифода аз тамоми имкониятҳо ва зарфиятҳои хеш, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, бо ба ҳисоб гирифтани манфиати ҷонибҳо ба ҳалли созандаи мушкилот кӯшиш бар харҷ диҳад. Дар ҳалли ин қазия ба роҳ мондани музокироти сатҳи олиро зарур мешуморем, зеро тақдири рушди ояндаи ҳар ду кишвар ва дурнамои муносибати миллатҳо ба чигунагии ҳалли ин мушкилоти низоъангез гиреҳ хӯрдааст. Зикр намудан бамаврид аст, ки ҳалли мушкилоти сарҳадӣ миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон роҳи низомӣ надорад ва танҳо метавонад мушкилотро печидатар ва муносибатҳоро муташанниҷтар гардонад. Аз ин рӯ, бо дарёфти нуқтаҳои баҳамойӣ ва манфиатбахш ба ҳар ду ҷониб зарур мешуморем, ки мушкилоти сарҳадиро тавассути музокирот ҳаллу фасл намоянд. Дар шароити имрӯза доштани муносибати хубу созанда бо ҳамсоякишварҳо аз ҳама ҷиҳат барои мо зарур аст, зеро рушди тиҷорати байналмилалии Тоҷикистон ва ба кишвари транзитӣ табдил шудани он аз ҳалли дурусти ин масъала бармеояд. Дар ҳар сурат ҷониби Тоҷикистонро зарур аст, ки аз василаҳои дипломатӣ дар ҳалли мушкилоти сарҳадӣ бо ҳамсоякишварҳо васеъ истифода намояд.

Ба андешаи мо авлавияти дигари сиёсати хориҷии кишварро ҳифзи шаҳрвандони дар хориҷ буда ташкил медиҳад. Албатта, имрӯз шумораи зиёде аз шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои мухталифи олам ба кору фаъолият машғул мебошанд. Аз ин рӯ, ниҳодҳои

сиёсати хориҷии кишварро зарур аст, ки дар ҳолатҳои мухталиф омодаи ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони кишвар дар хориҷ бошанд. Барқарор намудани муносибатҳои доимӣ бо шаҳрвандони кишвар ва ироаи кӯмакҳои ҳуқуқӣ бояд вазифаи аввалиндараҷаи ниҳодҳои сиёсати хориҷии мо дар берун аз кишвар бошад. Ҳамчунин пайдо намудани имкониятҳои хуби фаъолияти шаҳрвандони кишвар берун аз марзҳои он ва бастани шартномаҳои меҳнатии самарабахш аз масъулиятҳои ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ дар берун аз давлат аст. Вазифаи дигаре, ки аз ҷумлаи авлавиятҳост - ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа мебошад. Сохторҳои марбутаро зарур аст, ки барои амалӣ намудани ин вазифа тамоми имкониятҳоро истифода баранд, то буду боши шаҳрвандони мо дар кишварҳои хориҷӣ нигаронӣ ва мушкилот ба бор наорад.[9, с. 5]

Ниҳодҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ҳамчунин зарур аст, ки сари масъалаи боло бурдани мақоми шиносномаи хориҷии шаҳрвандони Тоҷикистон биандешанд. Он гунае ки раддабандии мақоми шиносномаҳои хориҷӣ нишон медиҳад дар шароити имрӯза шаҳрвандони кишвари мо танҳо метавонанд ба 24 давлат бидуни гирифтани раводид сафар намоянд ва дар 40 давлати дигар ҳангоми ҳузур пайдо намудан соҳиби раводид гарданд. Шумораи давлатҳое, ки бо Тоҷикистон низоми раводид доранд ба 134 мерасад.[10] Албатта, чунин ҳолат ба зудҳаракатии шаҳрвандони Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ таъсир мегузорад.

Дар шароити имрӯза тарғиби симои мусбати кишвар дар сатҳи байналмилалӣ метавонад яке аз авлавиятҳои дигари сиёсати хориҷии Тоҷикистон бошад. Дар ин маврид зарур мешуморем, ки ба раддабандиҳои мухталифи сатҳи байналмилалӣ таваҷҷуҳ карда шавад, зеро аксаран мақоми ин ва ё он кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ аз рӯи онҳо муайян карда мешавад. Тадриҷан беҳтар шудани мавқеи давлат дар раддабандиҳои сатҳи байналмилалӣ боиси боло рафтани обруву эътибори он дар муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди эътимоди дигар субъектҳо ва хусусан сармоягузорон ба он давлат мегардад. Аз ин рӯ, кишвари моро низ зарур аст, ки яке аз меъёрҳои баҳогузории самаранокии сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро раббадандиҳои сатҳи байналмилалӣ қарор диҳад. Беҳтар намудани нишондодҳои хешро дар раддабандиҳои байналмилалӣ ҳамчун ҳадафи муҳимми рушди худ шинохта бошад.

Ба андешаи мо авлавияти дигару муҳим дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон метавонад масъалаи истифодаи самараноки манбаъҳои обӣ дар минтақа ва ҳифзи манбаъҳои барқароршавандаи об дар Осиёи Марказӣ бошад. Даҳсолаҳои охир ба хотири ҳалли мушкилоти об дар сатҳи байналхалқӣ Тоҷикистон ташаббусҳои назаррас нишон дод, ки агар аз як тараф боиси қабули барномаҳои ҷиддии байналмилалӣ барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти об гардида бошад пас аз тарафи дигар боиси боло рафтани симои мусбати кишвари мо дар сатҳи байналмилалӣ гардид. Дар шароити имрӯза зарур мешуморем, ки Тоҷикистон дар сатҳи минтақа мушкилоти пешгирии нобудшавии пиряххоро пайваста пайгирӣ намояд. Дар шароити имрӯза кӯшишҳои назарраси Тоҷикистон дар ин самт ба назар мерасад ва мо метавонем пешгирии нобудшавии пиряхҳои кишварро яке аз авлавиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии он дар оянда қаламдод намоем. Ин мушкил аз ҷониби Тоҷикистон, чи дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи байналмилалӣ, аз он ҷумла дар ҷаласаҳои Созмони миллали муттаҳид ба баррасӣ кашида шудааст.

Мувофиқи таҳқиқоти олимони соҳа қисмати зиёди пиряхҳои обтавлидкунанда дар Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгиранд, ки шумораи онҳо ба зиёда аз 13000 мерасад. Муҳаққиқон чунин тахмин мезананд, ки то соли 2050 50%-и пиряхҳои минтақа нобуд мегарданд. Ё худ пиряхи Федченко давоми якчанд соли охир аз масоҳати умумияш, ки 144 $км^3$ аст 2 $км^3$ кам шудааст.[11] Тоҷикистон дар шароити имрӯза яке аз кишварҳои ташаббускор барои ҳифзи пиряхҳои минтақа баромад мекунад. Барои мисол санаи 3 марти соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки дар сиғаи видеоконференсия баргузор шуда буд,

чунин пешниҳод кард, ки соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шавад. Бар замми ин Тоҷикистон чунин пешниҳод намудааст, ки Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис карда шавад.[12] Чунин кӯшишҳои Тоҷикистон аз афзалиятбахшии ҳалли мушкилоти ҳифзи пиряхҳо дар сиёсати хориҷӣ дарак медиҳад.

Ҳамчунин дар амалинамоии сиёсати хориҷӣ омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёт метавонад ҳамчун авлавияти муҳим баҳогузорӣ гардад. Хусусан зарур мешуморем, ки ниҳодҳои сиёсати хориҷии кишвари мо дар самти омӯзиши таҷрибаи беҳтарини рушди соҳаҳо дар кишварҳое, ки дар онҷо мустақар ҳастанд фаъолии хешро нишон дода бошанд. Равона намудани донишомӯзон дар самти омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои дигар низ тавсия мешавад.

Зарур мешуморем, ки авлавиятҳои ҳамкории мо бо кишварҳои мухталифи олам бештар ҷиҳати мушаххасият пайдо намуда бошад, ки албатта он дар заминаи омӯзиши ҷиддии зарфиятҳои кишварҳои мухталиф дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт метавонад ба миён ояд. Дар ин самт фаъолии ниҳодҳои сиёсати хориҷӣ дар берун аз Тоҷикистон фаъолияткунанда тавсия мегардад.

Дар умум, зикр намуданӣ ҳастем, ки авлавиятбахшии сиёсати хориҷӣ омӯзиши ҷиддии паҳлӯҳои мухталифи соҳаро талаб мекунад. Авлавиятбахшии сиёсати хориҷӣ омӯзиши паҳлӯҳои амалии муносибатҳои байналмилалӣ ва воқеиятҳои рӯзмарраро талаб мекунад. Дар ин масир бештар воқеъбинона ва вобаста ба имконияту зарфиятҳои мавҷуда амал намудан метавонад мувофиқи мақсад бошад. Авлавиятбахшии сиёсати хориҷӣ талаб мекунад, ки ҳолати рушди тадриҷии муносибатҳои байналхалқӣ, имконияту зарфиятҳои худӣ, зарфиятҳои мавҷудаи ҳамкорӣ бо дигар субъектҳо, заминаҳои манфиатбахшии муносибатҳо, ҳолати рушди геополитикӣ ва дигар омилҳои таъсиррасон ба эътибор гирифта шаванд. Дар ҳар сурат зарур мешуморем, ки сиёсати хориҷӣ хосияти инъитофпазирӣ дошта бошад то давлат тавонад дар ҳолатҳои мухталиф аз вазъи мураккаби муносибатҳои байналмилалӣ бе мушкилии ҷиддӣ баромада тавонад. Дар умум масъалаи авлавиятбахшии сиёсати хориҷиро барои натиҷабахшӣ ва муваффақияти давлат чи дар рушди дохилӣ ва чи дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ муҳим мешуморем. Авлавиятбахшии дурусти сиёсати хориҷӣ метавонад заминаи муҳимме барои бақои давлат, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва дар умум ҳифзи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ гардад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. *Сайидзода З. Ш. Дар бораи эволюция, характер ва усулхои амалӣ гардондани сиёсати берунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ташаккули он // Ёддоштҳои илмии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров Илмҳои гуманитарӣ. 2014. № 3 (40). – С. 243-254.*
2. *Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27 январи соли 2015, № 332. дастрасӣ дар сомонаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон www.mfa.tj, санаи дастрасӣ 10.01.2022*
3. *Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 марти соли 2013, ш. Душанбе, суроғаи дастрасӣ http://www.president.tj/node/4113#murghob, санаи дастрасӣ 20.02.2022*
4. *Акбаров Ф.Х. Специфика реализации национальных интересов Республики Таджикистан в условиях продвижения многосторонней дипломатии. Диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук. – Душанбе, 2020. – 155 с.*
5. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 26 декабри соли 2019, ш. Душанбе, суроғаи дастрасӣ http://www.president.tj/node/21975, санаи дастрасӣ 10.01.2022*
6. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, 22 декабри соли 2017, ш. Душанбе, суроғаи дастрасӣ http://www.president.tj/node/16771#qubodiyon, санаи дастрасӣ 14.12.2021*

7. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21 декабри соли 2021, ш. Душанбе, суроғаи дастрасӣ http://www.president.tj/node/27417, санаи дастрасӣ 15.01.2022*
8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2016, ш. Душанбе, суроғаи дастрасӣ www.president.tj, санаи дастрасӣ 19.02.2022*
9. *Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият.Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2011, - С. 340с.*
10. www.passportindex.org/ru/byRank.php*, санаи дастрасӣ 14.02.2022*
11. https://carececo.org/en/main/news*, санаи дастрасӣ 10.10.2021*
12. https://mfa.tj/tg/berlin/view/7222/emomali-rahmon-soli-2025-soli-umumijahonii-hifzi-piryakhho-elon-gardad*, санаи дастрасӣ 14.10.2021*

**_Reference Literature:_**

1. ***Sayidzoda Z. Sh**. On Evolution, Nature and Methods of Foreign Policy of the Republic of Tajikistan in the Period of its Formation // Scientific Notes of Khujand State University named after name of academician B. Gafurov, Humanities. 2014. № 3 (40). - pp. 243-254.*
2. *The concept of foreign policy of the Republic of Tajikistan. January 27, 2015, № 332. access to the website of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan www.mfa.tj, access date 10.01.2022*
3. *Speech at the meeting with Diplomatic Staff of the Country in Honor of the Opening of a New Building of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, March 15, 2013, Dushanbe, access address http://www.president.tj/node/4113#murghob, access date 20.02.2022*
4. ***Akbarov F.Kh.** Specifics of Realization of National Interests of the Republic of Tajikistan in the Conditions of Multilateral Foreign Diplomacy. Candidate dissertation in political science. - Dushanbe, 2020. – 155pp.*
5. *Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon to the **Majlisi Oli**, December 26, 2019, Dushanbe, access address http://www.president.tj/node/21975, access date 10.01.2022*
6. *Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon to the **Majlisi Oli**, December 22, 2017, Dushanbe, access address http://www.president.tj/node/16771#qubodiyon, access date 14.12.2021*
7. *Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon "**On the Main Directions of Domestic and Foreign Policy of the Republic**", December 21, 2021, Dushanbe, access address http://www.president.tj/node/27417, access date 15.01.2022*
8. *Address of the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon to the **Majlisi Oli** of the Republic of Tajikistan, December 22, 2016, Dushanbe, access address www.president.tj, access date 19.02.2022*
9. *Foreign Policy of Tajikistan on the Path of Independence. Under the editorship of Hamrokhon Zarifi. Series: Foreign policy of Tajikistan. Dushanbe: Cognition, 2011, 340p.*
10. www.passportindex.org/ru/byRank.php*, access date 14.02.2022*
11. https://carececo.org/en/main/news*, access date 10.10.2021*
12. https://mfa.tj/tg/berlin/view/7222/emomali-rahmon-soli-2025-soli-umumijahonii-hifzi-piryakhho-elon-gardad*, access date 14.10.2021*